«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент ________ Хайрзода Ш.Қ.
«___» ___________________ 2018с.

# НИЗОМНОМА

оид ба Викторина дар мавзӯи «Тоҷикистон - ташаббускори ҳалли масоили обӣ» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ташкил ва гузаронидани Викторинаи ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-ташаббускори ҳалли масоили обӣ” бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (минбаъд «Викторина»)-ро танзим менамояд.

Викторинаи мазкур дар доираи нақша – чорабиниҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба пазироии пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028» гузаронида мешавад.

## II. МУАССИС

Муассис ва ташкилкунандаи Викторина Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

## III. МАҚСАДИ ВИКТОРИНА

Ташкил ва гузаронидани Викторина татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳалли масоили обӣ буда, имконият фароҳам менамояд, ки тавассути ҳавасмандкунонии донишҷӯёни болаёқат, онҳоро бештар ба тарғибу ташвиқи муаммоҳои ҳифзи сарватҳои обӣ ҷалб намоем.

Ҳадафи муҳими Викторина муаррифии ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти соҳаи об, энергетика ва озуқаворӣ, инчунин технологияҳои муосири сарфаи обу барқ мебошад, ки неруи зеҳнӣ ва ҳисси хештаншиносии донишҷӯёнро тақвият мебахшанд.

## IV. ИШТИРОКЧИЁНИ ВИКТОРИНА

Иштирокчиёни Викторина донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мебошанд.

## V. МАСЪУЛОНИ БАРГУЗОРИИ ВИКТОРИНА

Мақоми кории Викторина ҷиҳати ташкил ва гузаронидани он Раёсати илм ва инноватсия ва кафедраи фанҳои табиатшиносии донишгоҳ мебошанд ва чунин тадбирҳоро амалӣ менамоянд:

- дар муҳлатҳои муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ доир ба баргузории Викторина мактуб ирсол намуда, дар васоти ахбори омма эълон медиҳад ва дар сомонаи донишгоҳ маълумот ҷойгир менамояд;
- маводи Викторинаро аз иштирокчиён дастрас намуда, барои баррасӣ ба Комиссияи тадорукии Викторина омода ва пешниҳод менамоянд;
- барои баҳодиҳии эссеҳои пешниҳоднамудаи иштирокчиёни Викторина Комиссияи экспертӣ таъсис медиҳанд.

## VI. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ВИКТОРИНА

Викторина дар ду марҳила гузаронида мешавад. Дар марҳилаи якум (декабри соли 2018) донишҷӯён доир ба равияҳои пешниҳодшуда дар ҳаҷми то 5 саҳифаи андозаи А4, ҳуруфи Nimens Nev Roman-14, фосилаи 1,5, аз боло ба поён 2см, аз рост 1,5см, аз чап 3 см эссе пешниҳод менамоянд. Муҳлати пешниҳоди эссе аз 15 то 25-уми декабри соли 2018 бо нишонаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, odil25@mail.ru тел: 93 806 06 04 амалӣ мешаванд. Телефон барои маълумот: +992 37 884 24 60

Эссеи пешниҳодшуда дар шакли садхолӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Комиссияи экспертӣ ҳар як корро, ки ба ӯ кафедраи фанҳои табиатшиносӣ вогузор кардааст баҳогузорӣ карда, хулосаашро дар шакли хаттӣ ба Комиссияи тадорукот пешниҳод менамояд.

Хулоса ва баҳогузории Комиссияи экспертиро Комисисияи тадорукӣ қабул намуда, баҳои ниҳоиро ба ҳар як кор мегузорад.

Аз рӯи натиҷаҳои эссе донишҷӯёни ҷойҳои намоёнро сазоворгардида, ба даври дуюм, ки нимаи дуюми моҳи феврали соли 2019 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад, даъват мешаванд. Ба иштирокчиён дар лифофа 10 савол пешниҳод мегардад. Ба фикр намудани 1 савол 1 дақиқа, барои омода намудани ҷавоб 1 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Иштирокчиёне ғолиб дониста мешаванд, ки ба бештари саволҳо ҷавобҳои аниқ ва саҳеҳ медиҳанд.

Дар мавриди гирифтани холҳои баробар барои муайян кардани ғолибони Викторина ба онҳо лифофаи дуюм, ки аз 6 савол иборат аст, пешниҳод мегардад.

Ғолибони сазовори ҷойҳои 1, 2 ва 3 гардида, бо ифтихорномаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Торҷикистон ва мукофотпулӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

Натиҷаи Викторина аз тарафи Раёсати илм ва инноватсия дар сайти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳафтаномаи Молия ва иқтисод нашр карда мешавад.

## VII. МАВЗӮЪҲОИ АСОСӢ БАРОИ ЭССЕ ВА ТАҲИЯИ САВОЛҲО

- Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти соҳаи об, энергетикӣ ва озуқаворӣ.
- Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифз, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва рушди устувор марбут ба об.
- Аҳамияти захираҳои обӣ дар рушди устувори Тоҷикистон.
- Ташхиси сифати захираҳои обӣ ва пешгирии ифлосшавии онҳо.
- Рушди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ҷиҳати ба эътидоловарии ҳифзи захираҳои обӣ.
- Нақши соҳибкорони ватанӣ дар таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва сифатноки ошомиданӣ.

## VIII. МЕЪЁРИ БАҲОДИИИ ВИКТОРИНА

Дар вақти барасмиятдарории эссе ва ҷавоб ба саволҳо меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд:

- Бунёди мантиқии ҷавоб ба савол;
- Мавҷудияти хулосаҳо ва баҳодиҳии мусбӣ дар ҳалли масъала;
- Боварибахш будани ҷавоб.

Дар эссе:

- Риояи қоидаҳои имлои забони давлатӣ;
- Кори эҷодии донишҷӯ будан;
- Истифодаи сарчашмаҳои гуногуни боварибахш;
- Пуррагӣ ва саҳеҳии ҷавоб.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДМИТ баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. №_____ аз 30.11.2018 с

**Замимаи 1.**

**Барасмиятдарории сарвараќи эссе**

Ба кумитаи тадорукоти Викторинаи

«Тоҷикистон – ташаббускори ҳалли масоили обӣ»

Номи пурраи муассисаи таълимии олии касбӣ

__________________________________________________

Мавзӯъ __________________________________________

Иҷрокунанда: _____________________________________

(Ном ва номи падар, курс ихисос, рақами телефон)